**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

---

аз «1» июня соли 2022 № 176/м ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани воридсозии маҷаллаи
илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)
илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Комиссия) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дархостномаи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа (бахши илмҳои сиёсатшиносӣ, ҳарбӣ ва ҷамъиятӣ)» аз 11 марти соли 2022, № 170 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар ба талаботи бандҳои 4 ва 21 Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2) ҷавобгӯ набудан, ҳамзамон, мавҷуд набудани сомонаи маҷалла ё вебсаҳифаи он дар сомонаи расмии Донишкада, нокифоя будани шумораи кормандони дараҷаи илмидоштаи Донишкада дар ҳайати таҳририя, рад карда шавад.
2. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2022, №5.

Раис [signature] Розиқзода А.